**Қ А Р О Р И**
**ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№1**

**аз 25 июни соли 2004** **шаҳри Душанбе**

**Доир ба баъзе масъалаҳои татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 17 майи соли 2004 қабул гардид ва аз рӯзи интишори расмиаш, яъне аз рӯзи 22 майи соли 2004 ба қувваи қонунӣ даромад.

Тағйироту иловаҳои қабулшуда ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргуниҳои куллӣ ворид намуданд, ки ин мумкин аст дар таҷриба боиси пайдо шудани масъалаҳо дар татбиқ намудани қонунгузории ҷиноятӣ гардад.

Бо мақсади татбиқи якхелаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар асоси моддаи 27 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,-

**Қ А Р О Р К А Р Д:**

1. Ҳангоми баррасии парвандаҳо дар зинаи якум, ба тариқи кассатсионӣ ё назоратӣ, судҳоро лозим аст, ки бо назардошти талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қарор қабул намоянд.

2. Татбиқи Қонуни зикргардида нисбати шахсе, ки ҷазоро дар муассисаҳои ислоҳии Раёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон адо менамоянд, дар асоси пешниҳоди сардори муассисаҳои номбурда ё аризаи маҳкумшуда ё ин ки пешниҳоди прокурор аз ҷониби судяи суде, ки ҳукмро баровардааст ё суде, ки дар ҷои адои ҷазои маҳкумшуда ҷойгир аст, амалӣ мегардад. Дар ин маврид бояд нусхаи таъинот ба суде, ки ҳукмро баровардааст, фиристонида шавад.

Татбиқи Қонун ба шахсе, ки аз ҷониби судҳои болоӣ маҳкум шудаанд, аз ҷониби ҳамин судҳо ё суди баробарваколат амалӣ гардонида мешавад.

3. Нисбати шахсе, ки ҷазо нисбати онҳо шартан ба иҷро расонида нашудааст, иҷроиши ҳукм нисбаташон мавқуф гузошта шудаанд, ба ҷазоҳои ба маҳрум сохтан аз озодӣ вобастанабуда маҳкум шудаанд, татбиқи Қонун аз ҷониби суде, ки ҳукм баровардааст сурат мегирад.

4. Нисбати шахсе, ки ҷазоро берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон адо менамоянд амали Қонуни номбурдаро суде, ки ҳукм баровардааст, татбиқ мекунад.

5. Дар сурате, ки Қонуни номбурда ҷиноят будани кирдорро барҳам диҳад, судҳо вазифадоранд, ки парвандаро қатъ намуда, оиди фавран аз ҷои адои ҷазо ё аз ҳабс озод кардани маҳкумшудагон қарор қабул намоянд.

6. Ноболиғоне, ки бори аввал барои содир намудани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум карда шудаанд, бояд фавран аз ҳабс озод карда шуда, ҷазои нисбати онҳо таъиншуда ба ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набуда, ки дар қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд, иваз карда шавад.

7. Дар ҳолатҳое, ки агар мувофиқи Қонуни дар боло қайдшуда ҷазои қаблан пешбинишуда кам карда шуда бошад, судҳоро лозим аст дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи банди 2 моддаи 13 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷазои таъиншуда бояд мутобиқи ҳадди болоии ҷазое, ки қонуни ҷиноятии нав муайян кардааст, ихтисор карда мешавад.

8. Агар ҳангоми татбиқ намудани Қонуни зикргардида муқаррар карда шавад, ки то қабул гардидани ин Қонун санадҳои қонунгузорие қабул шудаанд, ки вазъи шахси ҷиноятсодиркардаро беҳтар мекунанд (масалан, авфи умумӣ, бахшиши ҷазо ва ғайра), судҳо вазифадоранд масъалаи нисбати шахси зикршуда татбиқ намудани он санадҳои қонунгузориро муҳокима намоянд.

9. Оиди ҳар як ҳодисаи саривақт пешниҳод накардан ё баррасӣ нагардидани маводҳо судҳо вазифадоранд, ки бо роҳи баровардани таъинотҳои хусусӣ диққати мақомоти дахлдор ба он ҷалб намоянд.

10. Дар баррасии маводҳо оиди татбиқ намудани Қонуни мазкур, дар суди зинаи якум иштироки прокурор ҳатмист.

11. Ба судҳои зинаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ лозим аст, ки дурустии татбиқ намудани Қонуни зикргардидаро аз тарафи судҳои зинаи якум ба таври дақиқ санҷида, ба ҳар як ҳолати риоя нагардидани ин қонун эътибори ҷиддӣ дода, барои саривақт бартараф намудани хатогиҳо чора андешанд.

12. Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанберо зарур аст, ки таҷрибаи татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро омӯхта ҷамбаст намоянд, шарҳи таҷрибаи судиро бо таҳлили хатогиҳое, ки дар татбиқи қонуни зикргардида, рух додаанд, мунтазам ба маълумоти судҳо расонанд.

**Раиси Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **С.Фатҳиллоев**

**Котиби Пленум,**
**судяи Суди Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **З.Н.Азизов**